**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқи хусусиятҳои дастуриву функсионалии ҷумлаҳои содаи забони муосир тоҷикӣ, дар заминаи маводди насрӣ яке аз масъалаҳоест, ки барои шинохти дурусти қолабҳои наҳвии забони муосири адабии тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссае дорад ва ба рушду такомули сохториву маъноии ҷумлаҳои сода ёрӣ мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таълифот ва Паёмҳои хеш ба масъалаи ҳифзи забони давлатӣ ва такмилу ташаккули ҳамаҷонибаи он ба мақсади иҷрои вазифаҳои иҷтимоияш дар самтҳои гуногун мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод кардаанд, ки таҳқиқи давраи муосири забони адабии тоҷик, такмили маҳорати суханварӣ ва шеваи баёни равону суфта дар ин росто яке аз нуктаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» ҳам дар пайравии андешаҳои тоза, таълифот ва ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навишта шуда, барои такмили забони давлатӣ ва ташаккули ҳамаҷонибаи вазифаҳои иҷтимоии он дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», амалӣ сохтани барномаи «Рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» мусоидат хоҳад кард.

Вазифаҳои муайянкардаи муҳаққиқ ба доираи масоили пажуҳишии мавзуъ мувофиқ буда, ба амалӣ сохтани ҳадафҳои диссертатсия равона карда шудаанд. Иҷрои умдатарини вазифаҳо аз қабили таҳқиқи масъалаи омӯзиши таснифоти ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик, ошкор намудани вижагиҳои сохторию грамматикии ҷумлаҳои сода дар насри бадеии муосир, омӯзиш ва муайян намудани вазифаи наҳвии аъзои ҷумлаи сода, муқаррар намудани тарзи ифодаи хабарҳои феълӣ ва номӣ дар ҷумлаҳои сода, муайян намудани накши муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол дар ташкили ҷумлаҳои сода ба баёни мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва изҳори андешаҳои муаллиф ва муқарраротӣ таҳқиқ замина фароҳам овардаанд.

Асосҳои назарии таҳқиқи мазкурро андешаҳои забоншиносони русу тоҷик, эроншиносон дар соҳаи нахв ва вижагиҳои наҳвии забони давраи классикӣ ташкил додааст. Муаллиф дар таҳқиқ аз назарияҳои мухталифи

забоншиносӣ дар самти синтаксис, аз ҷумла, асарҳои илмии В.В. Виноградов, Л. Пейсиков, Н.Ю. Шведова, Д.И. Эделман, В.С. Расторгуева, Е.К. Молчанова, И.М. Оранский, А.З. Розенфелд, С. Атобуллоев, С. Арзуманов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, М. Исматуллоев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, М. Норматов, Ф. Шарифова ва дигарон истифода бурда, андешаву мулоҳизаҳои хешро дар баҳси илмӣ пешниҳод ва исбот намудааст.

Навгонии илмии диссертатсияи Кенҷазода М.С. дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал навъҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг, аз ҷиҳати иштироки сараъзоҳо, аъзои пайрави ҷумла, воситаи алоқаи грамматикӣ дар ташкили ҷумлаҳои сода, ифодаи сараъзо ва аъзои ҷумла бо ҳиссаҳои нутқ ва вижагиҳои ҷумлаҳои сода дар насри муосири бадеӣ ҳамаҷониба таҳлил гардидааст. Мушкилоти таснифоти ҷумлаҳои сода, меъёрҳои таснифот бо назардошти нақши воситаҳои грамматикӣ дар баҳсу баррасии андешаҳои муҳаққиқони маъруфи ҷумлаҳои сода дар диссертатсия хеле равшан ва ҷолиб баён гардидаанд.

Автореферат ва диссертатсия ва М.С.Кенҷазода таҳти унвони «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» бо масоили фарогирифтааш ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба пуррагӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Кенҷазода М.С. аз **муқаддима**, **чор боб** ва хулосаву пешниҳодот иборат аст. Дар **боби якум** бо номи «Хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ» масъалаҳои назарии омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик ва рус, меъёрҳои таснифи сохтории ҷумлаҳои сода ва муносибати нав ба таснифоти сохтории ҷумлаҳои сода таҳқиқу баррасӣ шудаанд

Дар **боби дуюми** рисола бо номи «Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи сохту таркиб дар забони муосири тоҷикӣ» анвои гуногуни ҷумлаҳои сода - ҷумлаҳои содаи яктаркиба, дутаркиба, ҷумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати мақсаду оҳанг, ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ, ҷумлаҳои пурра ва нопурра ва роҳҳои ифодаи онҳо дар насри бадеӣ баррасӣ шудааст.

Дар **боби сеюми** диссертатсия «Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи мақсади гуфтор дар забони муосири тоҷикӣ» навъҳои ҷумлаҳо аз рӯйи мақсад ва оҳанги гуфтор таҳлил гардидааст.

**Боби чоруми** диссертатсия бо номи «Нақш ва мавқеи аъзоҳои ҷумлаи сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ба баррасии сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав, ифодаи онҳо бо ҳиссаҳои нутқ дар насри бадеии адабиёти муосир бахшида шудааст.

Муаллиф дар ин боб сараъзоҳо ва аъзои пайрави ҷумларо хеле муфассал ва бо далелу мисолҳои фаровон шарҳу тавзеҳ додааст. Масалан, дар фасли ҳолшарҳкунандаҳо диссертант 10 навъи ин гурӯҳи аъзои пайрав,

аз ҷумла, ҳоли замон, макон, тарзи амал, миқдор, дараҷа, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт ва хилофро бо истифода аз усули мубоҳисаи илмӣ бо дигар наҳвшиносон шарҳу эзоҳ дода, андешаҳои худро бо далелҳои ҷолиб ва мисолҳои сершумор устувор сохтааст.

Ҳолшарҳкунандаҳоро диссертант аз ҷиҳати маъною вазифа ба ду хел – ҳоли ифодакунандаи муносибат ва аломат (замону макон, сабабу мақсад, шарту хилофи воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолат) ва ҳоли аломат (тарз, ҳолату вазъият, миқдору дараҷаи зоҳиршавии амалу ҳолат), ки ба таснифи аксари забоншиносон дар мавриди гурӯҳбандии ҳолшаркунандаҳо созгор аст, ҷудо кардааст (автореферат, саҳ. 34-36).

Дар раванди таълиф Кенҷазода М.С. муайян кардааст, ки муқарраротӣ шинохти ҷумла ва таснифоти ҷумлаҳои сода аз назарияҳои забоншиносони рус сарчашма гирифта, бунёди ҷумла ба категорияҳои сегонаи «шахс, замон ва модалият» асос ёфтааст.

Чунин мулоҳизаи муаллифи диссертатсия низ ҷолиб аст, ки таснифоти ҷумлаҳои сода дар заминаи муносибати интиқодӣ ба таълимоти грамматикӣ сурат гирифта, хусусияти маъноӣ ва сохтории ҷумлаҳои сода дар заминаи маводи насри бадеӣ ошкор мегардад ва маҳз забони насри бадеӣ хусусиятҳои ҷумлаҳои содаро ҳамаҷониба ошкор месозад. Дар заминаи таҳлили тобишҳои маъноии аъзои ҷумла муяссар гардидааст, ки гурӯҳҳои семантикӣ ошкор ва таҳлил гарданд.

Арзиши диссертатсияи Кенҷазода М.С. барои назарияи илми забоншиносӣ дар он аст, ки ин пажӯҳиш дар таҳқиқи минбаъдаи муносибатҳои маъноию грамматикӣ дар ҷумлаҳои сода, тақвияти ҷараёни минбаъдаи инкишофи ҷумлаҳои сода метавонад саҳми бориз дошта бошад. Маводи рисола метавонад дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълим, курсҳои синтаксис пурсамар истифода шавад.

Ҷумлаҳои сода бахши калони синтаксиси забони тоҷикӣ буда, иртиботи дурусти одамонро таъмин менамоянд.

Муаллифи диссертатсия дар қисмати хулосаи таҳқиқи хеш дуруст қайд мекунад, ки «Ҷумлаҳои сода дар ифодаи марому мақсади нависандагон аз ҷиҳати оҳангу матлаб нақши муҳим дошта, бо ин хусусияташон объекти тасвирро бо тамоми ҷузъиёташ пеши назар ба ҷилва меоранд» (автореферат, саҳ. 38).

Дар робита бо предикативият диссертант ба хулосае меояд, ки «Предикативият муносибати мундариҷа ва сохтори ҷумларо ба воқеият ифода мекунад. Ин муносибат тавассути маънои луғавию грамматикии калимаву ибораҳои дохили ҷумла, шаклҳои грамматикии онҳо, тартиби калимаву ибораҳо, оҳанг, задаи мантиқӣ ва алоқаву таносуби онҳо ба ҳамдигар шакл мегирад» (автореферат, саҳ. 39).

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он тақвият меёбад, ки пажӯҳиш дар диссертатсия бо такя ба назарияҳои илмии забоншиносони тоҷик ва

умумӣ сурат гирифтааст. Ҳаҷми диссертатсия, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, миқдори интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия (3 монография, 28 мақолаи дар маҷаллаҳои феҳрасти КОА чопшуда) ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

**Хулоса,** автореферати ва диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
амалияи забоншиносии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Нишонӣ:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 2,
М-16, бинои 8, хуҷраи 58.
**Тел.**: (+992) 937693333.
**E-mail**: olimjonk@yandex.ru

Имзои О.Ҳ. Қосимовро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонӣ:** 734019, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
**Тел.**: (+992-37) 232-50-00; 232-50-03.
**E-mail**: ddzt@ddzt.tj
«10» октябри соли 2025.